**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисос**

Парвандаи аттестатсионии №_

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 03.07.2025, №_7

Барои сазовор донистани Аминов Бахтиёр Усмонович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа

Диссертатсияи “Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи “Унвону-л-баён”-и Абдуллоҳи Шабровӣ” аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-Таърихи фалсафа 24 апрели соли 2025 ба ҳимоя қабул карда шуд, протоколи №4 шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 64/шд таъсис гардидааст.

Аминов Бахтиёр Усмонович соли таваллудаш 23.10.1987 миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Соли 2010 ба факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси филолог – омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Аз соли 2010 то соли 2013 ҳамчун омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик дар МТМУ – и № 29 – и ноҳияи Варзоб фаъолият намудааст. Солҳои 2013 -2024 омӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарии МДТ Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ ба ҳисоб рафта, аз моҳи декабри соли 2024 то инҷониб дар вазифаи мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ кор мекунад.

Аминов Бахтиёр Усмонович аз соли 2020 то соли 2025 унвонҷӯи Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ ба ҳисоб мерафт. Мавзуи рисолаи илмии Аминов Бахтиёр Усмонович “Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи “Унвону-л-баён” – и Абдуллоҳи Шабровӣ” дар шурои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ таҳти № 11 аз 29.12.2020 тасдиқ гардидааст.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 13 мақолаву гузоришҳои илмии муаллиф, ки аз байни онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, инъикос ёфтааст.

Диссертатсияи Аминов Бахтиёр Усмонович дар Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ (19. 04. 2024, с/м. № 5) муҳокима шудааст. Шурои

диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тахти № 4 аз 24.04.2025 барои ҳимояи рисолаи диссертатсионӣ қарори дахлдор қабул намудааст.

Диссертатсияи номзадии довталаб дар шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии довталаб**: **Шамсов Мубораккшо Саловудинович** – номзади илмҳои фалсафа, мудири шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ;

**Муқарризони расмӣ:**

**Умедов Мастон Ҳамдамович** - доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Ҳасанова Зебинисо Абдулатифовна** – номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

**Муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассисаи пешбар, ки аз тарафи муқарриз д.и.ф., профессори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ А.С.Султонзода имзо шудааст, қайд шуд, ки довталаби дарёфти дараҷи илмӣ 9 интишори илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад.

**Тавсифи мухтасари таълифоти илмӣ вобаста ба таҳқиқои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

1. Аминов Б. У. Мавқеи фазилат дар “Унвону-л-баён”-и Абдуллоҳи Шабровӣ. Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Силсила: илмҳои фалсафӣ № 3-4 (3-4), Душанбе, 2021. С. 65-71.
2. Аминов Б.У. Адолат аз назари Абдуллоҳи Шабровӣ. Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ № 4 Душанбе, 2021. С. 120-124.
3. Аминов Б.У. Моҳияти мафҳумҳои манфии ахлоқӣ дар осори Абдуллоҳи Шабровӣ. Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ № 3 (268)Душанбе, 2022. С.49-57.
4. Аминов Б.У.Разолат аз нигоҳи Абдуллоҳи Шабровӣ //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои фалсафа № 4 Душанбе, 2022.С.73-83.
5. Аминов Б.У. Мавқеи рисолаи “Унвону-л-баён”-и Абдуллоҳи Шабровӣ дар илми ахлоқ. Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ. Душанбе, 2022. С. 232-237.

6. Шамсов М.С., Аминов Б. У.Мавқеи эҳтимолии таълимоти ахлоқии “Унвону-л-баён”- и Абдуллоҳи Шабровӣ дар замони муосир. Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ № 1 Душанбе, 2024. С. 33-42.

**Ба автореферат тақризҳо ворид шудаанд:**

- аз номзади илмҳои фаҷсафа, дотсент, мудири редаксияи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи милии тоҷик **Камолов У.Н. Тақриз мусбат буда,** чанд норасоиҳое ишора карда мешаванд, аз ҷумла: дар автореферат хатогиҳои техникӣ ва мантиқӣ ба назар мерасанд; ҳамчунин ҳангоми баррасии ҳаёт ва фаъолияти А.Шабровӣ, падидаҳои таърихии замони мутафаккир каме муфассал баён гардидааст, чунки дар бораи ин донишманд таърихномаҳо ва рисолаҳои зиёде таълиф ёфтаанд ва зарурате ба муфассал баён кардани онҳо дида намешавад.

- аз номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири шуъбаи масъалаҳои фалсафии дини Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ **Қурбоншоев И.Ҷ**. **Тақриз мусбат буда,** дар матни автореферат камбудиҳое низ ба чашм мерасанд: 1. Дар автореферат ҷанбаҳои мувофиқ ва мухолифи андешаҳои ахлоқии Абдуллоҳи Шабровӣ бо мактабҳои ахлоқии Аврупои асрҳои миёна равшан нашудааст ва мебоист ба ин паҳлуи масъала аҳаммият дода мешуд; 2. Тавсияҳои дар автореферат овардашуда такмил мехоҳанд ва бояд дар таҳқиқоти оянда ба назар гирифта шаванд

- аз н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов **Камолова Х.К. Тақриз мусбат буда,** дар матни автореферат камбудиҳое низ ба чашм мерасанд: 1. Хатогӣ ва иштибоҳҳои техникӣ дар автореферат дида мешавад, ки ислоҳи онҳо дар таҳқиқоти минбаъда муҳим аст; 2. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳаҷман гуногунанд ва мебоист тавозуни онҳо нигоҳ дошта мешуд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки диссертатсияи Аминов Бахтиёр Усмонович дар мавзӯи “Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи “Унвону-л-баён”-и Абдуллоҳи Шабровӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа дар сатҳи дахлдор навишта шуда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида мебошад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

**Коркард карда шуд,** ки масъалаҳои ахлоқ, ки дар таълимоти Абдуллоҳи Шабровӣ инъикос гардида, аз ҷиҳати мазмун ва шакл ба таълимоти ахлоқии Арасту, Насриддини Тусӣ ва Ҷалолиддини Давонӣ шабоҳат дорад. Ӯ

масъалаҳои ахлоқро, ба монанди фазилат, разолат, адолат, накуҳиши нафси аммора ва монанди инҳо мавриди таҳлил қарор додааст. Дар баробари масоили зикргардида, дар таълимоти Абдуллоҳи Шабровӣ масъалаҳои сулҳу субот, ваҳдат ва якпорчагии марзу бум мақоми хос дорад.

Шароити иҷтимоии замон ба мутафаккир имкон фароҳам овард, ки дар масъалаи ахлоқ ва тарбияи инсонҳо назари хоси худро ба вуҷуд орад. Зарурати таҳқиқи осори пурарзиши Абдуллоҳи Шабровӣ, махсусан «Унвону-л-баён», бе баҳс аз он бармеояд, ки осори ӯ на танҳо дар доираи илмии Тоҷикистон, балки дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор нагирифтааст. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур дорои мубрамият буда, таҳлилу таҳқиқи воқеъбинонаи «Унвону-л-баён»-ро **ошкор менамояд.**

Абдуллоҳи Шабровӣ дар ҷомеае ҳаёт ба сар бурда фаъолият намудааст, ки он муҳит аз нигоҳи илму маърифат ва пешрафти он аз дигар манотиқ ба пуррагӣ тафовут дошт, зеро омезиш ва бархурди фарҳанги мисрӣ, юнонӣ ва арабӣ-мусулмонӣ дар муҳити Миср, бахусус дар ҷомеаи Азҳар, ҳикмати нобро ба вуҷуд оварда буд. Мулоқоти устодон ва донишмандони барҷастаи ҳавзаи илмӣ-адабии Азҳар дар ташаккули ҷаҳонбинии Абдуллоҳи Шабровӣ накши бағоят муҳим бозиданд, то дар оянда ин мутафаккир ҳамчун инсони мутабаҳҳир дар муҳити Ҷомеаи Азҳар ба камол расад. Дар муҳити зикр гардида барои рушди илм ва фалсафа имкониятҳо бештар ба назар мерасиданд.

**Пешниҳод шудааст,** ки дар таълимоти Абдуллоҳи Шабровӣ озодии баёни ақида равшан мушоҳида мешавад ва мутафаккирони замони Абдуллоҳи Шабровӣ ҳам аксаран ба ҳамин равиш такя кардаанд ва зеҳнашонро бештар масоили марбут ба ҷомеаи башарӣ ба ташвиш оварда буд.

**Исбот шудааст,** ки таълимоти ахлоқии Абдуллоҳи Шабровӣ ба рушди фалсафаи ахлоқии қисми зиёди ҳавзаҳои илмӣ-адабии мамлакатҳои шарқӣ таъсири амиқ гузоштааст. Абдуллоҳи Шабровӣ бештар ба масъалаи амалии таълимоти ахлоқ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст, ки дар ташаккули ақидаҳои мутафаккирону донишмандони замонаш ва баъд аз он бағоят муассир аст.

Таҳқиқи масъалаҳои ахлоқ дар «Унвону-л-баён»-и Абдуллоҳи Шабровӣ зарурати **ҷорӣ намудани** матншиносӣ ва ҳерменевтикаро нишон дода, имкон додаанд, ки таълимоти ахлоқии ин мутафаккир ба таври васеъ мавриди омӯзиш қарор гирад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст,** ки ба мафҳуми илми ахлоқ Абдуллоҳи Шабровӣ ба фалсафаи амалии Арасту пайравӣ кардааст. Ҳамин тариқ, мутафаккир илми ахлоқро ҳамчун «фалсафаи амалии илми ахлоқ» ном мебарад. Чунин маъноро дар «Ахлоқи

никомах»-и Арасту, «Ахлоқи Носирӣ»-и Насриддини Тусӣ, «Ахлоқи Ҷалолӣ»-и Ҷалолиддини Давонӣ ва «Ахлоқи Муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Оиди масъалаҳои ахлоқ дар таълимоти Абдуллоҳи Шабровӣ андешаҳои қолибе баён шудаанд. Ба назари ӯ инсон ҳам дар ибтидо мисли дигар мавҷудот як ғаризаи ,биологӣ аст. Аз ин ки инсон мавҷуди сирф иҷтимоӣ аст, тадриҷан зери таъсири ҷамъияти инсонӣ мафкурааш шакл мегирад ва арзишҳои ахлоқӣ, махсусан анвои фазилатро аз худ карда, камол ва мартабаи инсонро дармеёбад. Дигар мавҷудот дар робита ба масъалаи мазкур ба ҳоли худ боқӣ мемонад.

Дар раванди таҳқиқот **ошкор гардид,** ки Абдуллоҳи Шабровӣ ба он нуктаҳое такя менамояд, ки инсон мувофиқи талаботи он нуктаҳо ва аз рӯйи табиати аслии худ мавҷуди иҷтимоӣ, инчунин узви ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Инсон дар ҳаёти ҷамъиятии худ ба он навгониҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва фарҳангие, дучор мешавад, ки ба идеология ва ахлоқи ӯ бетаъсир намемонад. Ба назари ӯ муттаҳид гардидани одамон дар ҷомеа талаботи қонуни табиат аст, ки дар ин раванд ҳатман ба якдигар унс гирифта, падидаҳои мусбат ва манфие, ки дар ҳаёти иҷтимоиашон ба вуҷуд меоянд, боиси тағйири мазмун ва шакли зиндагии онҳо мешавад. Масъалаи инсон ва мақоми ӯ дар таълимоти Абдуллоҳи Шабровӣ ҷойгоҳи хос дорад, ки мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Аввалин бор дар доираи илмӣ ҳаёту фаъолият ва осори Абдуллоҳи Шабровӣ ҳамчун мутафаккири озодандеш ва такмилдиҳандаи илми ахлоқ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, паҳлуҳои норавшани таълимоти ахлоқии ӯ **омӯхта шудааст**.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ амалия,** чунин тасдиқ карда мешаванд, ки масъалаи фазилат дар осори Абдуллоҳи Шабровӣ ва махсусан дар рисолаи «Унвону-л-баён» яке аз мавзуъҳои марказӣ мебошад. Мутафаккир кӯшиш намудааст тамоми паҳлуҳои норавшани ин масъаларо бо таҳқиқи илмӣ-назарӣ баён созад ва методологияи омӯзиши онро пешкаши ҳаводорону толибони илми ахлоқ намояд. Ба назар мерасад, ки Абдуллоҳи Шабровӣ дар ин ҷода ба муваффиқиятҳои назаррас даст ёфтааст. Далели ин гуфтаҳо он аст, ки рисолаи «Унвону-л-баён» то замони мо яке аз дастуроти таълимӣ дар илми ахлоқ ва ҷомеашиносӣ мавриди тадрис дар марказҳои таълимии гуногуни ҷаҳон шинохта шудааст ва дар ҷомеаи имрӯзии Тоҷикистон зарурати эҳёи он ба миён омадааст.

**Муайян карда шудаст,** ки таълимоти Абдуллоҳи Шабровӣ усули ахлоқиеро ташкил медиҳад, ки муносибати одамонро дар ҷамъият ва оила муайян карда, ҳурмату эҳтироми инсонро вобаста ба синну сол ва мавқеи дар ҷомеа доштааш зарур медонад. Дар баробари ин яке аз масъалаҳои

меҳварии баҳси ахлоқ дар таълимоти мутафаккир масъалаи фазилат ва разолат буда, бори аввал баррасӣ ва мавриди омӯзишу таҳқиқи амиқи фалсафӣ қарор гирифтааст.

**Муаррифӣ карда шуд, ки** натиҷаҳои бадастомадаи кори диссертатсионӣ ва хулосаҳои онро метавон дар омӯзиши минбаъдаи таълимоти ахлоқии кулли мутафаккирони олами Шарқ истифода намуд. Дар равиши ин самт метавон маводи таҳқиқшудаи диссертатсияро барои таҳияи барномаҳои дарсӣ, машғулиятҳои лексионӣ ва семинарҳо оид ба масълаҳои ахлоқ, таърихи фалсафа, фалсафаи фарҳанг ва монанди ин истифода кард.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар ҷомеа барои ба танзим даровардани муносибатҳои ахлоқӣ илми ахлоқ зарур аст, зеро илми ахлоқ рукни асосии ҷомеаи башарӣ шуморида мешавад. Агар аз асосҳои табиии ахлоқ сарфи назар кунем, дар ҷомеа хайреро намебинем. Масалан, баъзеро сарват, баъзеро шаҳват, баъзеро сиришти ҳайвониаш ва дигареро шуҷоаташ ва ба монанди инҳо табоҳ мекунад. Ба ҳамин мақсад таълифи рисолаи «Унвону-л-баён»-ро аз манфиат холӣ намебошад.

**Муқоисаи натиҷаҳои муаллифӣ ва натиҷаҳои бадастомада бо далелҳои дигари пешина** нишон доданд, ки Абдуллоҳи Шабровӣ тақлидгари ақидаҳои фалсафии Арасту, Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Закариёи Розӣ, Насриддини Тусӣ, Ҷалолиддини Давонӣ нест, бо вуҷуди он ки дар аксар маврид ба ақидаҳои фалсафии онҳо такя кардааст. Абдуллоҳи Шабровӣ доир ба бисёр масъалаҳои ахлоқ, ҷамъияти инсонӣ ва роҳҳои рушди инкишофи тамаддуни башарӣ назари хоси худро дорад, ки аз ақоиди дигарон ба куллӣ фарқ мекунад ва дар рисола ин масъалаҳо **истифода шудаанд**.

**Муайян шудаанд** ки «Унвону-л-баён»-и Абдуллоҳи Шабровӣ дар Тоҷикистон аввалин маротиба таҳқиқу баррасӣ гардида, ба доираи таҳқиқоти илмӣ ворид карда мешавад. Навгониҳое, ки дар натиҷаи таҳқиқоти мавзуъ ба даст омадаанд ва ба ҷомеаи илмӣ пешкаш гардида, дар доираи илмӣ ҳаёту фаъолият ва осори Абдуллоҳи Шабровӣ ҳамчун мутафаккири озодандеш ва такмилдиҳандаи илми ахлоқ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, паҳлуҳои норавшани таълимоти ахлоқии ӯ баррасӣ гаштааст

Мавзуи таҳқиқот зарурати истифодаи усулҳои асосиеро пешбинӣ менамояд, ки дар доираи маърифати гуманистӣ ва накши он дар ҷомеа қабул шудаанд. Масалан, барои баррасии афкори фалсафӣ-ахлоқии Абдуллоҳи Шабровӣ оид ба ахлоқ, тарбия ва масъалаҳои марбут ба он усули таҳлили муқоисавӣ ва муқобала **истифода шудаанд.** Ин равиш имкон медиҳад, ки ҷаҳонбинии ахлоқии мутафаккир ба таври шоиста таҳқиқ карда шавад. Зимни истифодаи методҳои диалектикӣ, таърихӣ, таҳлилӣ, индуксия ва дедуксия дар таҳқиқот натиҷаҳои матлуби илмӣ ба даст омадаанд. Назари мутафаккир ба ҷомеа, ба

самтҳои мухталифи он аз нигоҳи ахлоқи волои инсонӣ мавриди истифода қарор гирифта, аз назари интиқодии диссертант баҳогузорӣ шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷи илмӣ:** Дар диссертатсия нуктаҳои муҳимме ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, ки дар мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назарӣ ва конфронсҳои илмӣ-амалӣ дарҷ ёфтаанд. Тарзи навишт ва таҳқиқ, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми муаллифро дар пажуҳишҳои илмӣ нишон медиҳанд.

Натиҷаҳои бадастомада, хулосаҳо дастоварди бевоситаи муаллифи диссертатсия мебошанд. Инчунин, маводи интишоркардаи диссертант, маърузаву гузоришҳои муаллиф дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ салоҳияти касбии ӯро доир ба масъалаи баррасишаванда тасдиқ менамоянд.

Дар маҷлиси 03 июли соли 2025 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Аминов Бахтиёр Усмонович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа тарафдорӣ намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктерони илм 4 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар ҳайати умумии шуро, овоз доданд: тарафдор 14, муқобил-нест, бюллетенҳои беэътибор-нест.

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Ниёзӣ Ё.Б.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои фалсафа, дотсент** **Ҳаитов Ф.Қ**